Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо
суроға: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ, 17.

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, Солиев Назар Норович ба диссертатсияи Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D051200-Омор пешниҳод шудааст.**

## Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Масъалаи беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, ки аксарияти аҳолии давлатро дар бар гирифтааст, айни замон мубрам ва муҳим ҳисобида мешавад, зеро дар маҷмӯъ беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мебошад, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ишорат гардидааст.

Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти таъсири омилҳои гуногун талаботи истеҳсолӣ ва истеъмолии аҳолии деҳот, мунтазам тағйир ёфта, зарурияти мутобиқсозии ин талабот бо шароити кунунии мамлакат ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, арзёбии дуруст ва таҳқиқи оморӣ пешниҳоди моделҳои ҷадид оид ба масъалаи мазкур саривақтӣ буда, метавонанд баҳои воқеии сатҳи зиндагии аҳолиро дар деҳот дуруст таҷассум намоянд.

Дар кори диссертатсионии тақризшаванда дуруст қайд гардидааст, ки сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, ин маҷмӯи категорияҳои иҷтимоӣ-иқтисодие мебошад, ки дараҷаи қонеъгардонии талаботи моддӣ, маънавӣ ва иҷтимоии шахсони дар деҳот истиқоматкунандаро дарбар гирифтаанд ва дар муайян намудани категорияҳои сатҳи зиндагии аҳолии деҳот бояд низоми нишондиҳандаҳои инфиродӣ (фардӣ), умумӣ ва аналитикӣ (таҳлилӣ) қарор дода шуда, дар расми 2.3. саҳифаи 74 таҷассум гардидаанд. Гарчанде, ки

низоми нишондиҳандаҳои мазкур, дар кори диссертатсионӣ “Нишондиҳандаҳои интегралӣ” ном гирифтааст, ки баҳснок мебошад.

Мавриди зикр аст, ки баҳодиҳии омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, бо ёрии нишондиҳандаҳои умумикардашуда гузаронида шуда, аз рӯи натиҷаи ба дастовардашудаи нишондиҳандаҳо мувофиқи методологияи оморӣ гурӯҳбандӣ гардида, омилҳои ба онҳо таъсиррасон, ошкор карда шудаанд.

Зимнан мавзӯи диссертатсияи тақризшаванда актуалӣ буда, пешбурди таҳқиқот дар ин самт сари вақтӣ ва рӯзмара мебошад, ки дар он ҳалли муаммоҳои ҷойдошта дар самти беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, мавзӯи диссертатсияи тақризшаванда дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам буда, таҳқиқи омории он аз манфиат холӣ намебошад. Зеро дар диссертатсия ҳам ҷабҳаҳои назариявӣ ва ҳам методологии ин мавзӯъ аз назари оморӣ таҳқиқ гардида, натиҷаҳои илмии асоснокшуда пешниҳод карда шудаанд.

**Сатҳи асоснокии муқаррароти илмӣ,**
**хулоса ва тавсияҳои диссертатсия**

Қисмати назариявию методии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ки ба таҳқиқи ҷабҳаҳои назариявию методологии омӯзиши омории сатҳи зиндагӣ бахшида шудаанд, асос ёфтааст.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аз усули ҷамъбаст ва гурӯҳбандӣ, нишондиҳандаҳои вариатсионӣ, усули индексӣ, нишондиҳандаҳои тафовути сохторӣ, каҷхатта, коэффитсиенти Ҷинӣ ва Лоренс, усулҳои таҳлили регрессионӣ ва коррелятсионӣ, усули компонентҳои асосӣ, банизомдарории ҷадвалӣ, усулҳои графикӣ истифода намудааст.

**Сохтор ва мундариҷаи кор**

Мақсадҳое, ки муаллиф дар кори диссертатсионӣ гузоштааст ба ҳадафи таҳқиқот мувофиқат мекунад. Сохтори диссертатсия мантиқан дуруст буда ба мундариҷаи таҳқиқот мутобиқат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшавандаи муаллиф аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашуда ва дақиқ

мебошанд. Зеро онҳо ба асосҳои методологӣ, назариявӣ ва маълумотҳои мушоҳидавии таҳқиқотӣ такя мекунанд.

Диссертатсияи мазкур яке аз таҳқиқотҳои илмии нахустин дар соҳаи омор мебошад, ки ба таҳқиқи омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот бахшида шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зерфасл, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт аз 156 номгӯй таркиб ёфта, дар маҷмӯъ аз 156 саҳифаи матни компютерӣ иборат мебошад. Диссертатсияи мазкур аз 11 диаграмма, 5 расм, 35 ҷадвал ва 15 формула таркиб ёфтааст.

**Дар муқаддима** мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадаф ва объекти таҳқиқот, мавзӯъ, масъалаҳо, усулҳо, соҳа, ва марҳилаҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва дигар нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия қайд карда шудаанд.

Бахусус, муаллиф дар ин қисмат дуруст қайд намудааст, ки барои рушди деҳот ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, як сол басанда нест, зеро бунёди инфрасохтори сайёҳӣ ва омода намудани даҳҳо ва садҳо ҳазор ҳунармандони соҳибкасб ва ҷойҳои нави корӣ, як василаи дигаре мебошад, ки таъсири мусбии худро ба сатҳи зиндагии аҳолӣ, бахусус, дар деҳот мерасонад. Ҳамзамон, дар деҳот аҳолии қувваи коридошта зиёд буда, имконияти ҷалби онҳо дар истеҳсолот камтар аст, ки ин ҳолат ба сатҳи зиндагии онҳо бетаъсир намемонад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши асосҳои назариявӣ ва такмили методологияи таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Боби аввали** кори диссертатсионӣ **«Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот»,** номгузорӣ карда шуда, таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии

аҳолии деҳот (саҳ. 15–38), дар ин боб низоми нишондиҳандаҳои омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дида баромада шудаанд. Ҳамчунин, дар ин боб усулҳои омории баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар деҳот таҳқиқ гардидааст (саҳ. 40–51).

Муаллиф дар асоси омӯзиши маводҳои илмӣ– назариявӣ мафҳуми илман асоснокгардидаи сатҳи зиндагии аҳолии деҳотро пешниҳод намуда, вобаста ба он омилҳои таъсиррасонро ошкор намудааст, ки қобили қабул мебошад, чунки то ин замон аз нигоҳи оморӣ шарҳи ин мафҳум пешниҳод нагардидааст. Ҳамзамон, муаллиф дуруст қайд намудааст, ки ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мусоидат намуда, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, боло бурдани нақши соҳаи илму маориф ва фарҳангро таъмин намуда, дар ҷамъият ба болоравии нақши сармояи инсонӣ мусоидат менамояд.

**Дар боби дуюм «Таҳқиқи омории даромадҳои пулӣ яке аз нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии деҳот»** муаллиф арзёбии омории даромадҳои пулии аҳолии деҳотро гузаронида, усулҳои омории ченкунонии даромади пулии аҳолии деҳот пешниҳод намудааст. Инчунин, дар боби мазкур нишондиҳандаҳои интегралии сатҳи зиндагӣ ва қашшоқии аҳолии деҳот мавриди таҳқиқи оморӣ қарор гирифтааст.

Дар боби мазкур, гурӯҳбандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳои пулӣ гузаронида шуда (саҳ. 57), муайян карда шудааст, ки сатҳи даромади пулӣ дар хонаводаҳои дар деҳот истиқоматкунанда нисбат ба хонаводаҳои дар шаҳр истиқоматкунанда камтар мебошад, ки ин ҳолат, албатта, ба сатҳи зиндагии аҳолии дар деҳот истиқоматкунанда таъсири манфии худро мерасонад. Ҳамзамон нишондиҳандаҳои хароҷоти аҳолии деҳот, истеъмоли мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф дар расми 2.1. пешниҳод шудааст.

Дар саҳифаҳои 64-73-уми диссертатсия нишондиҳандаҳои даромаднокии аҳолӣ мавриди таҳқиқи оморӣ қарор дода шуда, барои таҳқиқи омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

вобаста ба дастрасии маълумотҳои омори расмӣ гурӯҳи нишондиҳандаҳоро муаллиф пешниҳод намудааст, ки қобили қабул аст.

Таҳлили ҷадвали 2.6. Динамикаи даромади аҳолӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ, маълум кардааст, ки даромади аҳолӣ дар ин давра 2,0 баробар афзудааст, лекин ба ҳисоби миёна ба ҳар як нафар аҳолӣ 1,8 баробар зиёд шуда, суръати афзоиши даромадҳо 7,7%. ва афзоиши мутлақи даромадҳо ба ҳар як нафар аҳолӣ 415,8 сомонро ташкил кардааст. Таҳқиқи ин масъала аз он гувоҳӣ медиҳад, ки, воқеан, тамоюли зиёд гардидани даромадҳо ва беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ ба назар мерасад.

**Дар боби сеюми диссертатсия «Моделсозии иқтисодӣ–омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот»** муаллиф татбиқи моделҳои иқтисодӣ–оморӣ дар пешгӯии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва татбиқи амалии онҳоро баён намуда, таҳлили омилии нишондиҳандаҳои натиҷавии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таҳқиқи омории нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии дар асоси маълумотҳои омори расмӣ пешниҳод гардидаанд.

Муаллиф дар боби мазкур нишондиҳандаҳои объективии сатҳи зиндагии аҳолиро пешниҳод намуда (ҷадвали 3.3.) алоқамандии коррелятсионӣ, регрессионӣ ва нишондиҳандаи коэффитсиенти чандириро ҳисоб намудааст, ки натиҷаҳои назаррас додааст. Масалан, дар асоси маълумотҳои ҷадвали 3.2., модели регрессиониро сохтааст, ки аз манфият холӣ намебошад.

Дар саҳ. 119-уми диссертатсия ҷадвали 3.5. нишондиҳандаҳои омилии ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсиррасон пешниҳод гардида, коэффитсиенти чандирият барои 12 нишондиҳандаи зич алоқаманд ҳисоб карда шуда, модели онҳо пешниҳод гардидааст, ки сифати диссертатсияро беҳтар кардааст.

Ба андешаи муаллиф татбиқи усули индексӣ дар мавриди таҳқиқи сатҳи зиндагии аҳолии деҳот хеле муносиб ва созгор буда, дар саҳ. 134-136-уми диссертатсия нишондиҳандаҳои асосии хароҷоти истеъмолии аҳолии деҳот бо усули индексӣ таҳлил гардидаанд, ки хелло бо маврид аст.

**Дар бахши хулоса ва пешниҳодҳо** натиҷаҳо ва тавсияҳои мушаххаси илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ баён ва ҷамъбаст гардидаанд.

Дар қисматҳои ҷамъбастии диссертатсия номгуйи феҳристи адабиёти истифода шуда, ки аз 156 номгӯй иборат аст оварда шудаанд.

**Эътимоднокии баёнияҳои илмӣ, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда**

Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудааст.

**Камбудиҳо ва норасоиҳои диссертатсия**

Дар баробари бартариҳои дар боло номбаршуда диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки ба қисме аз онҳо бояд таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

1. Дар кори диссертатсионӣ такмили усулу тарзҳои ҷамъоварии маълумотҳо доир ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дарҷ нагардидааст. Ҳамзамон, дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ хуб мешуд, ки бештар маълумотҳои мутаалиқ ба аҳолии деҳот таҳлил мегардиданд;
2. Дар низоми нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, ки аз тарафи муаллиф пешниҳод гардидааст (саҳ. 51) тақозо менамояд, тавсифи миқдории онҳо бо ёрии нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ пешниҳод ва мухтасаран шарҳ дода шаванд;
3. Хуб мешуд агар дар қисмати интиҳоии ҳар боб натиҷаи таҳқиқоти докторант ҷамъбаст ва хулосабарорӣ мегардид;
4. Дар кори диссертатсионӣ қисман ғалатҳои имлоию техникӣ ва таҳририӣ мавҷуданд.

Камбудиҳои номбаршуда характери тавсиявӣ дошта осон ислоҳшавандаанд ва ба сифат ва арзиши илмии диссертатсияи иҷрошуда таъсир расонида наметавонанд.

## Хулоса

Диссертатсияи Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ иҷро гардида, кори мустақилонаи илмии ба итмом расида мебошад.

Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти бисёрсолаи докторант буда, натиҷаҳои ба дастомада боварибахш мебошанд ва бешубҳа арзиши муайяни илмию амалӣ доранд. Тавсияҳои диссертатсияро метавонанд Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бо мақсади арзёбӣ ва баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот васеъ истифода баранд.

Автореферати диссертатсия мақсад ва муҳтавои асосии таҳқиқотро пурра дар бар мегирад ва мувофиқи талаботи мавҷуда тайёр карда шудааст.

Ҳамин тариқ диссертатсияи Ашуров Ф.М. ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолаи номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D051200-Омор ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба ин унвон арзанда мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**сардори бахши тадқиқоти илмии**
**“Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ”-и**
**Бонки миллии Тоҷикистон** **Солиев Н.Н.**

**Имзои Солиев Н.Н- ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори идораи кормандони**
**Бонки милии Тоҷикистон** **Гадоев Д.О.**

**Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 107А**
**E-mail:info@nbt.tj**